Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735700, ш. Хуҷанд, маҳаллаи 17, хонаи 1)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Мухитдинова Шоирахон Саидюсуфовна дар мавзуи «Механизми ташкилӣ-иқтисодии тавсеаи шуғли пурмаҳсул дар вилояти Суғд: назария, методология ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 5.2.4. - Иқтисодиёти ҳудудӣ**

## 1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.

Мухитдинова Шоирахон Саидюсуфовна дар мавзуи «Механизми ташкилӣ-иқтисодии тавсеаи шуғли пурмаҳсул дар вилояти Суғд: назария, методология ва амалия» таҳқиқот бурдааст, ки он ба Шиносномаи номгӯи ихтисоси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 5.2.4. - Иқтисодиёти ҳудудӣ мувофиқат мекунад. Аз ҷумла, ба бандҳои: 13. Сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат дар сатҳи минтақаҳо; таҳлили хусусиятҳо ва арзёбии самаранокии сиёсати иқтисодии давлат дар сатҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, минтақаҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо ва ҳудудҳо. 15. Мақсадҳо ва механизмҳои сиёсати давлатии тараққиёти минтақаҳо. Шаклҳо ва механизмҳои баҳамтаъсиррасонии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ҳалли масъалаҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодӣ. Проблемаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии худидоракунии маҳаллӣ. 19. Самаранокии истифодаи омилҳои истеҳсолот дар рушди иқтисодиёти минтақавӣ. Қонуниятҳо ва хусусиятҳои ташкил ва идоракунии сохторҳои иқтисодӣ дар минтақаҳо. Бартариҳои мутлақ ва нисбии кластерҳои иқтисодии минтақавӣ. 22. Инкишофи бозори минтақавии меҳнат. Иқтидори меҳнатӣ дар минтақаҳо ва вижагиҳои идоракунии он. Муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар минтақаҳо. Вижагиҳои ҷойгиркунии минтақавии иқтидори меҳнатӣ мувофиқат мекунад.

## 2. Мубрамии мавзуи таҳқиқ.

Таъмини шуғли пурмаҳсули аҳолӣ омили асосии рушди иқтисодии кишвар ба ҳисоб рафта, дар шароити муосири хоҷагидорӣ сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат дар бозори меҳнат ва таъмини он тавассути таъсиси ҷойҳои нави корӣ, мусоидат ба тақсимоти қувваи корӣ аз рӯи соҳаҳо, минтақаҳо ва намудҳои шуғл, ба манфиати тағироти сохтории соҳаҳои иқтисодиёт ва баланд бардоштани самаранокии меҳнат, нигоҳ доштани тахассуси иқтидори

меҳнатӣ, баланд бардоштани касбият ва рақобатпазирии қувваи корӣ равона гардидааст. Дар навбати худ шуғли пурмаҳсул фаъолияти меҳнатии шаҳрвандон мебошад, ки ба онҳо даромад меорад ва сатҳи муносиби зиндагиро таъмин мекунад.

Дар замони муосир музди меҳнат на ҳама вақт талаботи ҳадди ақали зарурииро қонеъ карда метавонад ва аз ин рӯ захираҳои меҳнатӣ роҳҳои дигари ба даст овардани даромадро дар шакли савдои хурд дар бозор, кор дар соҳаҳои хизматрасонӣ, анҷом додани амалиёти ғайриқонунии молиявӣ, муҳоҷират ба хориҷи кишвар ва ғайраро ҷустуҷӯ мекунанд. Аз ин лиҳоз, барои аҳолии қобили меҳнат бояд чунин шароити музди меҳнат фароҳам оварда шавад, ки онҳо бо меҳнати худ эҳтиёҷҳои оилаашонро таъмин намуда ва сифати зиндагии худро беҳтар намоянд.

Таъмини шуғли пурмаҳсул аз сиёсати стратегии давлат вобаста буда мақсади он дар фароҳам овардани шароит барои татбиқи пурраи иқтидори меҳнатӣ мувофиқи имкониятҳои касбии ҳар як шахс инъикос меёбад. Дар асоси ин гуфтаҳо, вазифаҳои асосии танзими давлатии шуғли аҳолӣ дар таъмини сатҳи устувори шуғл, баланд бардоштани самаранокии истифода ва сифати иқтидори меҳнатӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ, тақвияти кафолатҳои иҷтимоӣ барои коргарони аз кор озодшуда, баланд бардоштани сифати системаи таълими касбӣ ва бозомӯзии кадрҳо бо дарназардошти талаботи ояндадори иқтисодиёт, ташкили механизмҳои муассири мусоидат ба шуғли аҳолӣ бо мақсади коҳиш додани номутаносибии талабот ва пешниҳоди ҷойҳои корӣ дар бозори меҳнат, баланд бардоштани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ зоҳир мегардад.

Бинобар ин, таҳқиқ намудани ҷанбаҳои назариявию методологӣ ва коркарди фишангҳои тавсеаи шуғли пурмаҳсул муаммои мубрами илмӣ мебошад ва қайд намудан бамаврид аст, ки диссертатсияи Мухитдинова Шоирахон Саидюсуфовна ба таҳқиқи масъалаҳои мазкур равона шуда, ҳам аз нуқтаи назарияи амалия ва ҳам аз нуқтаи назари илми иқтисодиёт ҷолиби диққат, саривақтӣ ва аҳаммияти баланди стратегӣ дошта мебошад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Навоварии илмии рисола дар ғанӣ гардонидан ва асоснок кардани муқаррароти назариявию методологии шуғли аҳолӣ, таснифоти он дар илми муосири иқтисодӣ, таҳлил ва пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ оид ба такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии тавсеаи шуғли пурмаҳсул дар иқтисодиёти минтақа зоҳир мегардад. Унсурҳои асосии навгонии илмии диссертатсияро ифода мекарда, инҳо мебошанд:

- низомбандӣ ва асоснок намудани равишҳои назариявӣ, омӯзиши шаклҳои шуғл дар бозори меҳнати минтақавӣ, гузаронидани таснифоти онҳо, ворид намудани тасҳеҳ ба мафҳуми шуғли пурмаҳсул;

- исбот намудани бисёрҷанбагии равишҳои методологии ноил шудан ба шуғли пурмаҳсул ва арзёбии он дар илми муосири иқтисодӣ, низомбандии самтҳои асосии методологияи ноил шудан ба шуғли пурмаҳсул дар минтақа;

- асоснок кардани мавҷудияти моделҳои гуногуни шуғли аҳолӣ дар таҷрибаи хориҷа ва муайян кардани хусусиятҳои онҳо, асоснок намудани ҷанбаҳои имконпазири қабули таҷрибаи хориҷӣ;

- исботи мавҷудияти номутаносибӣ, муаммоҳои ҷузъӣ дар конъюнктураи бозори минтақавии вилояти Суғд, ки дар таъмини аҳолӣ бо шуғли пурмаҳсул монеаҳо ба вуҷуд меорад. Муайян кардани талабот ба мутахассисони гуногуни хоҷагии халқ дар бозори меҳнати вилояти Суғд;

- арзёбӣ намудани ваъзи шуғли пурмаҳсул аз рӯи меъёри ҳиссаи аҳолии машғули дорои музди меҳнати муносиб дар шуғли аҳолии умумӣ, ҳам дар сатҳи минтақаҳо ва ҳам сатҳи ҷумҳурӣ. Коркарди амсилаи таъсири омилҳои талаботи меҳнатӣ ба ваъзи шуғли пурмаҳсул дар шароити рушди иқтисодиёти вилояти Суғд;

- коркард ва таҳияи амсилаҳои иқтисодии математикӣ оид ба таъсири конъюнктураи бозори меҳнат ба даромади аҳолӣ ва ба ваъзи экологии вилоят. Арзёбии сатҳи мувозинати бозори меҳнат дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ва дар асоси он ҳисоб ва муайян кардани рейтинги онҳо;

- асоснок намудани равияҳои афзалиятноки ислоҳоти низоми маориф, аз ҷумла, таҷдиди таҳсилоти олии касбӣ дар самти баланд бардоштани шуғли пурмаҳсул дар иқтисодиёти вилояти Суғд;

- коркард ва пешниҳод намудани маҷмуаи чорабиниҳо, тавсия ва муқарраротӣ илмӣ дар самти тавсеаи шуғли пурмаҳсул дар низоми иқтисодиёти минтақа.

## 4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта

Дар асоси истифодаи қонунҳо, барномаҳо ва стратегияҳои давлатӣ, консепсияҳои илмӣ оид ба шуғли аҳолӣ, маводҳои омори расмӣ, маҷмӯи усулҳои махсус, ки барои баррасии муаммои илмии гузошташуда мутобиқат доранд, ҳамчун ҳадафи таҳқиқот ҳалли худро ёфтааст.

Дар диссертатсия арзёбии натиҷаҳо дар амал, дастовардҳои назарраси илмӣ, тасдиқи нуктаҳои дар фарзия пешниҳодшуда, теъдоди кофии интишорот дар маводҳои конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ,

ҷумҳуриявӣ ва донишкадавӣ аз эътимоднокии хулосаву тавсияҳои муаллиф дарак медиҳанд.

## 5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.

Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Матни асосии диссертатсия дар 340 саҳифаи компютерӣ баён гардидааст, ки фарогири 45 ҷадвал ва 16 расм буда, рӯйхати адабиёт 317 номгӯйро дар бар мегирад.

Дар **муқаддима** аҳаммият ва мубрамияти мавзуи диссертатсия асоснок гардида, дараҷаи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқот, аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия қайд гардидааст (с. 4-24).

**Дар боби якум, ки «Асосҳои илмӣ–консептуалии таҳқиқи шуғли пурмаҳсул дар минтақа»** номгузорӣ карда шудааст, таҳаввулоти назарияҳои шуғли аҳолӣ, моҳияти иҷтимоӣ–иқтисодии шуғли пурмаҳсул ва таснифоти он, инчунин ҷанбаҳои минтақавии механизмҳои танзими шуғли аҳолӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст (с. 25-91).

Муаллиф дар ин боби мазкур назарияҳои гуногуни шуғли аҳолиро мавриди таҳқиқ қарор дода, дар асоси он мафҳуми шуғлро чунин шарҳ намудааст: «Шуғл ҳамчун категорияи иқтисодӣ фаъолияти фоиданоки одамонро барои қонеъ гардонидани талаботи шахсию иҷтимоӣ, ҳамзамон, ба даст овардани даромади меҳнатӣ ё даромад вобаста аст, дар назар дорад» (с. 35-36).

Унвонҷӯ оид ба технологияи инноватсионӣ ва таъсири он ба шуғли аҳолӣ фикру ақидаи худро иброз намуда, қайд менамояд, ки дар бозори меҳнати ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он тағйиротҳои куллӣ мушоҳида карда мешаванд, алалхусус, дар соҳаҳое, ки ҷоришавии технологияи рақамӣ ҳиссаи муайяни бо кор машғулро озод мекунанд ва зиёдшавии талаботро ба коргароне, ки қобилияти илмӣ-зеҳниро доранд, пешбинӣ менамоянд. Ӯ оид ба ҷиҳатҳои мусбии таъсири технологияи инноватсионӣ ба шуғли аҳолӣ фикрронӣ намуда чунин мешуморад, ки рушди техника ва технологияи нав, гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ шаклҳои нави шуғлро ба миён овардааст, ки бештари онҳо бо тарзи фосилавӣ ба амал оварда мешаванд. Ҳамзамон шаклҳои нави шуғл - аутсорсинг, фрилансер, аутстаффинг ва ғайраро мисол оварда муаллиф қайд мекунад, ки дар бисёр ҳолатҳо шуғли пурмаҳсул бо шаклҳои дигари шуғл, ба монанди  шуғли нопурра, шуғли муваққатӣ, шуғл аз рӯи шартномаи муҳлатнок ва ғайра низ мутобиқ бошад (с. 40-41).

Дар ин боб аз ҷониби муаллиф хусусиятҳои хоси шуғл дар иқтисодиёти бозорӣ таҳқиқ гардидаанд, намудҳои шуғли аҳолӣ гурӯҳбандӣ карда шуда

асосии онҳо бо бартарияту камбудиҳояшон дар алоҳидагӣ баррасӣ карда шудаанд (с. 56-63).

Вобаста ба мавзуи таҳқиқот муаллиф мафҳуми “шуғли пурмаҳсул”-ро ҳамчун намуди шуғли доимӣ, ки ба шахси машғул даромади меҳнатии муносиби басанда баҳри қонеъ гардонидани хароҷотҳои истеъмолӣ, таъмини шароити зиндагӣ ва ҳаёти солим, баланд бардоштани сатҳи касбӣ ва тахассусмандӣ, инчунин имконоти пасандозро таъмин мекунад, маънидод кардааст (с. 69-70).

Муаллиф дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси таҳлили ақидаҳои муаллифони гуногун пешниҳод менамояд, ки бозори меҳнати минтақавӣ ҳамчун системаи ягонаи муносибатҳои иҷтимоӣ ва фазои иқтисодӣ баррасӣ шуда дар минтақаи муайян ташаккул ёфтааст. Аз ин лиҳоз бозори меҳнати минтақавӣ як шакли ташкили соҳаи меҳнат ва низоми муносибатҳои ҷамъиятест, ки такрористеҳсолкунии захираҳои меҳнатиро таъмин мекунад ва дар ин ҷода унсурҳои асосии бозори меҳнатро баррасӣ намуда, муаллиф иброз менамояд, ки фаъолияти самарабахши бозори меҳнат танҳо дар сурате имконпазир аст, ки ҳамаи унсурҳои он мавҷуд бошанд ва ба ҳамдигар таъсири мусбӣ расонанд (с. 72-74).

**Дар боби дуюм «Равияҳои методологӣ оид ба ташаккул ва идоракунии шуғли пурмаҳсул дар иқтисодиёти минтақа»** принсипҳои илмии ташаккул ва тавсеаи шуғли пурмаҳсул дар иқтисодиёти минтақа, усулҳои арзёбии шуғли пурмаҳсул ва консепсияи сармояи инсонӣ ҳамчун омили асоси таъминкунии шуғли пурмаҳсул муайян карда шудаанд (с. 92-142).

Муаллиф дар ин боб қайд менамояд, ки ноил гардидан ба сифати баланди захираҳои меҳнатӣ ва вусъат додани шуғли пурмаҳсул дар минтақа тақозои илмҳои замонавӣ буда, яке аз вазифаҳои муҳимми сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат ва талаботи асосии бозори меҳнатро ташкил медиҳад (с. 92).

Аз ҷониби муаллиф равияҳои методологии арзёбии шуғли пурмаҳсул баррасӣ гардида, ба тарзи схемавӣ воситаҳои методологии таъмини шуғли пурмаҳсул пешниҳод карда шудаанд (с. 114, расми 11).

Инчунин дар ин боб муаллиф сармояи зеҳнии инсониро аз нуқтаи назари равишҳои функсионалӣ-иқтисодӣ ва сохторӣ баррасӣ намуда, қайд мекунад, ки он дар доираи равиши аввал фаъолияти ҷузъи зеҳнии моликро ифода мекунад ва ба соҳибмулк фоидаи муайяни иқтисодӣ меорад. Дар равиши дуюм сармояи зеҳнии инсонӣ ягонагии ҷудонашавандаи ду ҷузъи сохторӣ - иқтидори зеҳнии аз ҷиҳати генетикӣ додашуда (ҷузъи табиӣ) ва технологияҳою натиҷаҳои бадастомадаи фаъолияти зеҳнӣ ва инноватсионӣ (қисмати сунъӣ)-ро ташкил медиҳад. Ӯ иброз менамояд, ки иқтидори зеҳнии инсонӣ маҷмуи қобилиятҳои шахс дар асоси иттилооти гирифташуда ва

коркардшуда мебошад ва ба кас имкон медиҳад, ки навгонӣ эҷод кунад ва аз он баҳра барад (с. 137-138).

Дар ин бахш, ба рушди малакаҳои соҳибкорӣ дар байни ҷавонон ва занон, инчунин таносуби оптималии унсурҳои меҳнати занон диққати махсус зоҳир карда шудааст. Муаллиф иброз менамояд, ки рушди соҳибкорӣ дар соҳаи хизматрасонӣ, аз ҷумла хизматрасонии эҷодӣ ва инноватсионӣ ба занон имконияти бо тиҷорат машғул шуданро медиҳад. Рушди малакаҳои соҳибкорӣ дар байни ҷавонон бошад, ба онҳо имкони сиёсати иқтисодии кишварҳои ҳамсоя (масалан, арзиши сармояи қарзӣ, дастрасӣ ба технология ва амсоли онҳо)-ро омухтан, аз неруи баланди зеҳнӣ ба манфиати худ истифода бурдан ва бо дастгирии сармоягузорони ватанию хориҷӣ ташкил намудани корхонаҳоро медиҳад (с. 142-143).

**Боби саввум «Таҷрибаи хориҷии танзими муаммоҳои шуғли аҳолӣ ва истифодабарии он дар иқтисодиёти минтақа»** ба масъалаҳои таҷрибаи хориҷии таъмини шуғли аҳолӣ, инчунин ҳолат ва тамоюлоти танзими шуғли аҳолии пурмаҳсул дар кишварҳои ИДМ бахшида шудааст ва дар ин қисми диссертатсия муаллиф асосан моделҳои бозори меҳнати маъруфтарину эътирофгардидаи мамлакатҳои мутараққии ҷаҳонро таҳқиқ намуда, хусусиятҳои хоси онҳоро таҳлил намудааст (с. 143-184).

Диссертант чунин мешуморад, ки кулли моделҳои бозори меҳнати кишварҳои хориҷа ҳадафи умумӣ дорад, ки ин таъмини афзоиши шуғли аҳолӣ, кам кардани бекорӣ ва таъмини муътадилии рушди бозори меҳнат мебошад. Дар асоси омӯзиши моделҳои бозори меҳнат дар кишварҳои гуногун муаллиф якчанд хулосаҳоро коркард ва пешниҳод менамояд. Масалан, ӯ дуруст қайд менамояд, ки таҷрибаи хориҷиро бо тарзи аслӣ, механикӣ нусхабардорӣ намуда, дар иқтисодиёти миллӣ ё ин ки дар иқтисодиёти минтақаҳо ҷорӣ намудан ғайриимкон аст, зеро ҳар як кишвар ва минтақа хусусиятҳои хоси худро дорад, ки ба механизмҳои амалӣ намудани таҷрибаи кишварҳои хориҷа халал мерасонад ва он қабул намегардад. Вале, ба ин нигоҳ накарда, баъзе равия, ҷанба, механизм ва фишангҳоро дар асоси ба инобат гирифтани хусусияти хоси иқтисодиёти миллӣ қабул намудан имконпазир аст (с. 152).

Аз ин лиҳоз, унвонҷӯ нишондиҳандаҳои сатҳи шуғлнокии аҳолиро дар кишварҳои ҷаҳон, аз он ҷумла ИДМ, баррасӣ намуда, қайд мекунад, ки рейтинги кишварҳои ИДМ дар байни раддабандии Ташкилоти байналхалқии меҳнат хеле гуногун аст. Масалан, кишвари Озарбойҷон, ки яке аз кишварҳои аъзои ИДМ мебошад, тибқи сатҳи шуғлнокӣ дар байни кишварҳои ҷаҳон мавқеи 31-ро бо нишондоди 66% дорост, Тоҷикистон бошад, тибқи арзёбии мазкур бо сатҳи шуғлнокии 38% дар ҷои 175-ум қарор дорад (с. 166-167).

Аз ин лиҳоз, муаллиф иброз менамояд, ки минбаъд барои баланд бардоштани сатҳи шуғлнокии аҳолӣ дар мамлакат чораҳои мушаххас андешида шуда, баҳри ҷалб намудани бекорон ба бозори меҳнат ва баланд бардоштани сатҳи таъминнокӣ бо кор аз ҷониби хадамотҳои давлатии шуғл барномаҳои гуногун истифода бурда шаванд - ба монанди ташкил ва баргузории ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ, корҳои ҷамъиятии гуногун, курсҳои махсуси касбӣ барои омӯзонидан ва ғайраҳо (с. 178).

**Дар боби чорум «Ташаккул ва танзими шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар вилояти Суғд: ҳолат ва тамоюлҳо»** конъюнктураи талабот ва пешниҳодот дар бозори меҳнати минтақа таҳлил гардида, омилҳои таъсиррасон ба инкишофи шуғли пурмаҳсул баррасӣ ва сиёсати минтақавӣ оид ба тавсеаи шуғли пурмаҳсул дар вилояти Суғд арзёбӣ карда шудаанд (с. 185-243).

Дар ин қисми диссертатсия, муаллиф иброз менамояд, ки дар бозори меҳнат захираи асосии истеҳсолот, яъне иқтидори инсонӣ ташаккул меёбад, ки таҳқиқ ва танзими он дар шароити муосир дар сиёсати миллӣ аҳамияти хосса дорад (с. 186).

Муаллиф вазъи бозори меҳнати минтақаи Суғдро омӯхта, нишондиҳандаҳои иқтисодии омориро таҳлил ва муаммоҳои мавҷударо баррасӣ намудааст. Ӯ бо мақсади арзёбӣ намудани конъюнктураи бозори меҳнат дар вилояти Суғд сохтори шуғл ва бекоронро тибқи савияи маълумотнокӣ таҳлил намудааст. Ӯ қайд менамояд, ки дар теъдоди умумии бекорон ҳиссаи шахсони дорои маълумоти олӣ кам ба назар мерасад ва шахсоне, ки маълумоти олӣ надоранд, нисбати теъдоди умумии бекорон қариб 90%-ро ташкил медиҳанд. Унвонҷӯ иброз менамояд, ки дастрасӣ ба маълумоти олӣ ва афзоиш додани қишри аҳолии дорои маълумоти олӣ метавонад дар оянда яке аз равияи коҳиш додани бекорӣ дар иқтисодиёти вилояти Суғд бошад (с. 190-191).

Дар натиҷаи баррасии омилҳои таъсиррасон ба инкишофи шуғли пурмаҳсул, муаллиф ба чунин хулоса меояд, ки ҳамаи омилҳо - ҳам дар алоҳидагӣ ва ҳам дар умум метавонанд ба вазъи шуғли пурмаҳсул таъсири муайяни худро дошта бошанд. Ҳамзамон, онҳо баҳри таъмини мутавозинӣ дар бозори меҳнат ва аз байн бардоштани муаммои бекорӣ низ мусоидат менамоянд (с. 207).

Дар ин ҷода, муаллиф модели математикӣ-иқтисодии пайвастагии омилҳоро бо омили интизорӣ, яъне ҳиссаи шуғли аҳолие, ки музди меҳнати муносиб доранд, таҳқиқ намуда, ба чунин хулоса меояд, ки дар шароити рушди иқтисодиёти вилояти Суғд ба тағйирёбии нишондиҳандаи интизорӣ

омили сатҳи рушди ММM таъсири доминантӣ дошта, пас аз он, дар мавқеи дуюм коҳишёбии сатҳи бекорӣ ҷойгир шудааст (с. 211-212).

Оид ба баррасии сиёсати минтақавии тавсеаи шуғли пурмаҳсул дар вилояти Суғд муаллиф зикр менамояд, ки ҷараёнҳои ҳам дар сатҳи байналхалқӣ ва ҳам дар сатҳи миллӣ ҷой дошта барои расидан ба ҳадафҳои рушди устувор дар минтақа бо тарзи доимӣ бояд мониторинг карда шуда дар асоси натиҷаҳои ба даст омада муаммоҳои иқтисодии минтақа сари вақт муайян шаванд ва барои ҳалли онҳо чораҳои зарурӣ қабул карда шаванд (с. 225-227).

Дар ин ҷода  муаллиф  ду модели математикии иқтисодиро коркард намуда исбот менамояд, ки дар коркарди сиёсати рушди иқтисодии минтақа ҳалли масъалаҳои бекорӣ бояд ҷои аввалро гирад, зеро тавассути он ҳалли муаммоҳои бекорӣ, шумораи бекорони ба як ҷойи кории холӣ талабгорро низ коҳиш додан имконпазир мегардад (с. 229-231).

Инчунин аз ҷониби муаллиф рейтинги шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд арзёбӣ гардидааст ва дар доираи таҳқиқоти мазкур ӯ қайд мекунад, ки новобаста аз рушди доимии иқтисодиёти минтақа, ободкориву созандагӣ шиддатнокии бозори меҳнат дар баъзе шаҳру ноҳияҳо ҳоло ҳам ба назар мерасад. Масалан, дар шаҳру ноҳияҳои вилоят, аз ҷумла Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Кӯҳистони Мастчоҳ, Зафаробод, Мастчоҳ, Спитамен ва Хуҷанд нишондиҳандаҳо нисбат ба сатҳи умумивилоятӣ баланд ба назар мерасад. Дар ноҳияҳои Шаҳристон, Деваштич, Ҷаббор Расулов, Ашт, шаҳрҳои Исфара, Конибодом, Бӯстон ва Истиқлол бошад, нисбат ба сатҳи умумивилоятӣ паст мебошад, ки  ба танзими низомӣ ниёз доранд (С. 242).

**Дар боби панҷум «Такмили механизмҳои инкишофи шуғли пурмаҳсули минтақавӣ дар шароити муосир»** таҷдиди таҳсилоти олии касбӣ чун омили таъмини шуғли пурмаҳсул, инкишофи бахшҳои инноватсионии иқтисодиёт дар баланд бардоштани шуғли пурмаҳсул ва афзалиятҳои сиёсати давлатӣ оид ба инкишофи шуғли пурмаҳсул дар низомҳои иқтисодии минтақа мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст (с. 244-288).

Дар ин боби мазкур муаллиф иброз менамояд, ки дар ҷаҳони муосир сифати захираҳои меҳнатӣ, сатҳи қобилиятнокии онҳо барои қабул ва амал намудани технологияҳои инноватсионӣ омили асосии рушди иқтисодии минтақа мебошад.  Дониш ва малакаҳое, ки хатмкунандагон доранд, шакл ва ҳаҷми сармоягузориро ба сармояи инсонӣ инъикос менамоянд ва дар ин низом мавқеи махсусро таҷдиди таҳсилоти касбӣ доро мебошад. Муллиф чунин мешуморад, ки зарурати сифатан аз нав намудани низоми таҳсилоти касбии минтақа яке аз масъалаҳои мубрам мебошад. Дар ин радиф, ба ақидаи муаллиф, дар навбати аввал, эҳёи шароити мусоид барои таҷдид ва

оптималикунонии низоми минтақавии таҳсилоти олӣ зарур аст ва бо тавассути он ғанӣ намудани иқтидори инсонӣ бо донишу малака, тайёр намудани кадрҳои баландихтисос имконияти дастрасии шуғли пурмаҳсул, ҳалли муаммоҳои бозори меҳнат ва таъмини рушди устувори минтақа имконпазир мебошад (с. 244-245).

Дар таҳқиқот исбот карда шудааст, ки ҳиссаи аҳолии дорои маълумоти олӣ дар вилояти Суғд нисбат ба дигар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муътадил афзоиш дорад. Тайёрии касбии кадрҳо ва баланд бардоштани тахассусҳо дар корхонаҳо ва ташкилотҳои вилояти Суғд нисбат ба нишондодҳои умумии дигар минтақаҳо зиёдтар аст (с. 247).

Муаллиф маблағи хизматрасониҳои таълимии мактабҳои олии кишварҳои ИДМ-ро таҳлил намуда, ба чунин хулоса меояд, ки маблағи хизматрасониҳои таълимӣ дар Федератсияи Русия аз 14 то 34,1 фоизи ММД ба ҳар сари аҳолии ин кишвар рост меояд, дар Ӯзбекистон бошад, ин нишондод аз 35,4 то 91 фоизро ташкил медиҳад ва дар Тоҷикистон ин нишондод боз ҳам гаронтар аст, яъне маблағи таҳсил нисбат ба ҳар сари аҳолӣ аз 25,2 то 168,2 фоизро ташкил медиҳад, ки маънои дастрасии душворро барои гурӯҳҳои камбизоати аҳолӣ инъикос менамояд (с. 252-253).

Унвонҷӯ чунин мешуморад, ки амалишавии технологияи инноватсионӣ ба соҳаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ бо роҳи ташаккули бозори меҳнати чандирнок имконият медиҳад, ки вазъи шуғли аҳолиро беҳтар намояд. Намудҳои инноватсионии шуғл баланд бардоштани донишу малака, интеллектуаликунонии кормандро талаб менамояд. Аз ин лиҳоз, муаллиф пешниҳод менамояд, ки барои ин ҳар як шахс бояд бо тарзи бефосила донишу малакаи худро бо тарзи доимӣ бояд рушд диҳад, зеро иқтисодиёти инноватсионӣ дар як нуқта қарор надошта, ҳама вақт дар ҳаракат аст ва бемаҳдуд тағйир меёбад (с. 261).

Муаллиф дар ин боб қайд мекунад, ки дар шароити муосир аз рушди шуғлнокии аҳолӣ ҳалли бештари муаммоҳои иҷтимоӣ вобаста аст, алалхусус, сатҳи зисту зиндагонӣ, масъалаҳои тайёр кардан ва такмили ихтисоси кадрҳо, муътадилии сиёсӣ дар ҷамъият ва сатҳи рушди минтақаҳо ва ғайраҳо. Аз ин лиҳоз, ӯ иброз менамояд, ки дар ҷамъияти доимо тараққикунанда, талабот ба ҷойи кор ва таъмин намудани аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол дар сатҳи аввал қарор дошта, зарурати коркарди сиёсати давлатӣ барои рушди шуғли аҳолӣ мусоидаткунанда мебошад ва аз мақомотҳои давлатӣ масъулияти ҷиддиро талаб менамояд (с. 279-280).

Дар ин қисми диссертатсия муаллиф хулосабарорӣ намуда, махсусан қайд менамояд, ки мусоидати давлат дар ҳалли масъалаҳои шуғли пурмаҳсул дар минтақа авлавияти рушти иҷтимоию иқтисодии он

мебошад. Бо воситаи коркард ва амалӣ намудани сиёсати шуғли аҳолӣ дар сатҳи минтақа давлат метавонад вазъи минтақавии бозори меҳнатро муътадил намояд, фарқиятҳои сатҳи рушди шаҳру ноҳияҳоро ба дараҷаи пасттарин расонад (с. 280 - 281).

Дар қисмати **хулоса** натиҷаҳои асосии илмӣ ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ҷамъбаст карда шудаанд (с. 289-301). Дар **рӯйхати адабиёти истифодашудаи** диссертатсия санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва расмӣ, монографияю китобҳои дарсӣ ва васоити таълим, мақолаҳо ва маърузаҳо, диссертатсия ва автореферaтҳо, сарчашмаҳои электронӣ қайд карда шуда (с. 302-334), дар охир феҳристи интишороти муаллиф аз рӯи мавзуи диссертатсия бо забони аслӣ оварда шуда аст (с. 334-339).

## 6. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия

Муқаррароти назариявии таҳияшуда барои рушд ва ғанӣ гардонидани назарияи иқтисодиёти минтақа, консепсияи шуғли пурмаҳсул, ташаккули муносибатҳои нави илмӣ дар соҳаи шуғли пурмаҳсул мусоидат менамояд. Тавсияҳои коркард шудаи муаллиф барои таҳия намудани барномаҳо ва муайян намудани стратегияҳо оид ба сиёсати иқтисодии минтақа, масъалаҳои таъмини шуғли аҳолӣ, инчунин тавсеаи шуғли пурмаҳсул дар минтақаҳои мамлакат мусоидат менамоянд.

Пешниҳодҳои таҳиягардидаро Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомотҳои ҳокимияти иҷроияи мамлакат дар амалӣ намудани барномаҳои мутобиқ ба танзими муаммоҳои шуғли аҳолӣ дар ҳудудҳои маъмурӣ истифода бурда метавонанд. Баъзе қисматҳои муқаррароти илмӣ-амалӣ метавонанд дар ҷараёни таҳсил дар муассисаҳои олии касбии ҷумҳурӣ барои такмили барномаҳои фаннӣ аз рӯи илмҳои иқтисодӣ мавриди истифода қарор гиранд.

## 7. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.

Дар асоси таҳқиқ ва натиҷаҳои ба даст оварда шудаи илмиву амалии кори диссертатсионӣ, дар маҷмуъ, 38 интишороти илмии унвонҷӯ, аз ҷумла 1 монография, 16 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда ва 21 мақола дар дигар нашрияҳо ва маводҳои конференсияҳо вобаста ба мавзуи таҳқиқот ба чоп расонида шудааст.

## 8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Диссертатсияи Мухитдинова Шоирахон Саидюсуфовна дар мавзуи «Механизми ташкилӣ-иқтисодии тавсеаи шуғли пурмаҳсул дар вилояти Суғд:

назария, методология ва амалия» ба талаботҳои додани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ, талаботҳои омодасозӣ ва экспертизаи диссертатсияҳо дар шурои диссертатсионӣ, инчунин дигар талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, таҳти №295) тасдиқ гардида аст, ҷавобгӯй мебошад.

Диссертатсия ва автореферати Мухитдинова Шоирахон Саидюсуфовна бо риояи муқаррароти Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми декабри соли 2024, таҳти №493 тасдиқ гардидааст, ба расмият дароварда шудааст.

**9. Эродҳо доир ба диссертатсия.**

Дар баробари муваффақиятҳои дар боло қайд гардида, ба монанди дигар корҳои илмӣ, дар диссертатсияи мазкур низ баъзе камбудию норасогиҳо низ ҷой доранд, ки ба фикри мо, хусусияти тавсиявӣ доранд.

1. Агар сохтор ва мундариҷаи боби саввуми диссертатсия бо қисмати алоҳидаи 3.3 оиди истифодабарии таҷрибаи хориҷии танзими шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амиқтар мавриди омӯзиш қарор мегирифт, айни муддао мешуд.

2. Мувофиқи мақсад мешуд, агар дар қисмати мубрамии мавзуи таҳқиқот дар баробари асосноккунии илмӣ-назариявӣ муаммоҳои аниқу саҳҳеҳи шуғли пурмаҳсул дар вилояти Суғд, ки боиси интихоби мавзуи мазкур мебошад, баён мегардид.

3. Дар саҳифаи 139-уми диссертатсия сохтори сармояи зеҳнии инсонии ташкилот дар намуди модели иерархӣ (расми 13) пешниҳод карда шудааст. Хуб мешуд, агар муаллиф ба манбаи ин модел ишора намуда қисматҳои алоҳидаи онро дар матни диссертатсия васеътар таҳлил мекард.

4. Зербоби 4.2, ки ба таҳлили омилҳои таъсиррасон ба инкишофи шуғли пурмаҳсул дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ва амсиласозии соҳа бахшида шудааст, агар аз ҷониби муаллиф саҳҳеҳтар баррасӣ гардида хатогиҳои имлоиву техникии дар ҷадвалҳо ҷой дошта бартараф карда мешуданд, айни муддао мешуд.

5. Дар саҳифаҳои 171-174 муаллиф оиди муаммоҳои кадрҳои баландихтисо сфикру андешаҳои худро баррасӣ намудааст. Агар аз ҷониби ӯ роҳҳои ҳалли масъалаҳои мавҷуда низ пешниҳод мегардид, ба фоидаи кор мешуд.

Ҳамин тариқ, эъродҳо ва камбудиҳои ҷойдошта, ба фикри мо, ҷузъӣ буда, арзиши илмӣ ва моҳияти амалии таҳқиқоти гузаронидаи унвонҷуйро коста намегардонанд ва қайд кардан бамаврид аст, ки диссертатсияи мазкур аз ҷиҳати мазмун мутобиқи талабот омода шудааст.

Дар маҷмӯъ, диссертатсия дар мавзуи «Механизми ташкилӣ-иқтисодии тавсеаи шуғли пурмаҳсул дар вилояти Суғд: назария, методология ва амалия» ба талаботҳои КОА-и дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бандҳои 32, 33, 34 ва 35-и Низомномаи “Тартиби додани дараҷаи илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 30-юми июни соли 2021 таҳти рақами №267 (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 №295) тасдиқ гардидаст, мутобиқ буда, муаллифи он Мухитдинова Шоирахон Саидюсуфовна сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4.- Иқтисодиёти ҳудудӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**профессори кафедраи менеҷмент**
**ва маркетинги Донишгоҳи**
**Славянии Россия ва Тоҷикистон**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Амонова Д.С.**

**Суроғаи донишгоҳ**: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30.
Тел.: (+992) 918-74-94-94 (моб.) e-mail: dilbar_amonova@mail.ru

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Амонова Дилбар Субҳоновнаро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳои
Донишгоҳи Славянии Россия
ва Тоҷикистон Исмаилова М.Н.